**Назарзода С.**

## Дастурнависӣ ва забони тоҷикӣ

Забони тоҷикӣ ба ҳайси яке аз забонҳои қадимтарини бохати дунё дорои қоидаҳои дастурии устуворе буда, ба ақидаи устод Айнӣ «грамматикаи сахтҷон»-и он аз давраи оғозин то ба имрӯз меъёру қоидаҳои худро дар ҳолати устувор нигоҳ дошта омадааст. Дастур дар забони тоҷикӣ маънои «қоида, қонун, равиш»-ро дошта, аз садаи XIX ба маънои «грамматика» ба кор рафта аст. Аз рӯи бархе маълумотҳо аввалин шахсе, ки ин вожаро ба маънои маҷмӯи қоидаҳои забон корбаст намудааст, Мирзо Ҳабиби Исфаҳонӣ мебошад, ки рисолаи худро дар бораи сохтор ва сохтмони забони форсӣ «Дастури сухан» (1868) номгузорӣ намуд.

Ӯ дар Истамбул ин асари худро бо таклид ба дастурнависии аврупоӣ таҳия намуда, асосан ба пажӯҳиши сарф (морфология) такя намуда, ҳиссаҳои нутқро ба даҳ гурӯҳ тақсимбандӣ кардааст. Сохтори забон аз се дастгоҳ вожагонӣ, дастурӣ ва савтӣ иборат аст. Дастгоҳи дастурӣ баробари дастгоҳи вожагонӣ ва савтӣ аҳамият дорад. Бинобар ин дар канори вожаҳое, ки фард фаро мегирад, қоидаҳои наҳвии онҳоро ҳам бояд биёмӯзад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки дар аксарияти забонҳо ба дастурнависӣ барои аҳли ҳамон забон камтар аҳамият дода, дертар таҳия мешуданд. Вале дар кишварҳои ҳамҷавору ҳамсоя бо сабаби гузориши забони мо ба ин минтақаҳо барои ёдгирии он эҳтимом доштанд ва ниёз ба дастурнависӣ низ бештар эҳсос мешуд. Бинобар ин бо вуҷуди китобҳои чун «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ ва дигар китобҳо, аз ҷумла асарҳо оид ба мантиқ, калом, арӯз ва қофия, луғатномаҳо ва ғайра, ки дар онҳо нукоте дар бораи дастур зикр шудааст, аммо таҳияи дастури комили забон замоне оғоз шуд, ки дар

Ҳиндустон, Туркияи Усмонӣ, Покистон, Арабистон, Инглистон ва ғ. чанд қарн пеш китобҳои дастури забони тоҷикӣ навишта шуда буд.

Дастурнависӣ дар ҳар давраи забонӣ сабаби забти дақиқи сурати наҳвии ҷумла дар ҳамон як давраи муайян мегардад ва дар давраҳои баъдӣ мавриди истифодаи пажӯҳишгарон қарор мегирад. Забоншиноси соҳиби забон ҳамон забонеро дар борааш менависад, ки мардумаш сухан мегӯяд, аммо ӯ бо огоҳӣ аз илми забоншиносӣ онҳоро забт карда мавриди таҷзияву таҳлил қарор медиҳад.

Дастурнависӣ ҳадафҳои худро дорад. Дастури меъёрӣ дастурест, ки дар он муаллифон зимни пажӯҳиш ва ҷамъоварии маводи забонӣ кӯшиш мекунанд, ки ҳангоми тафсири қоидаҳои дастурии забон оид ба қоидаҳои меъёрӣ ё ғайримеъёрӣ дар асосӣ намунаҳо аз осори насриву назмӣ масъалагузорӣ намояд.

Асоси забонии қоидаҳои дастурии забон осори насрӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар намунаҳои назмӣ гоҳ-гоҳ берун баромадан аз қоидаҳои маъмулии забон дида мешавад, ки бар асоси қоидаҳои шеър ё хости худи шоир сурат гирифта, ба меъёри дастурӣ носозгор мебошанд. Ин носозгузорӣ боиси тахаллуф дар меъёрҳои забонӣ шуда барои муайян кардани меъёрҳои мушаххас ва қоидаҳои муайяни дастурӣ мушкилӣ эҷод мекунад. Бинобар ин дастурҳои меъёрӣ ҳангоми муайян кардани меъёрҳои забонӣ муаллифон метавонанд қоидаҳои сара ва носара ё меъёриву ғайримеъёриро бо намунаҳо нишон дода, дар зимни корбурди меъёрҳои грамматикии бархе аз онҳоро бо исботи дуруст будани онҳо тарғиб кунад ва баъзе қоидаҳои ғайримеъёриро манъ кунад.

Муаллифони дастурҳои тавсифӣ дар таҳияи дастур пеш аз ҳама ба сабту нишон додани тамоми қоидахои забонӣ даст зада, онҳоро ба таври мукаммал дар дастури забон ҷамъоварӣ менамоянд. Онҳо қоидаҳои меъёрии забонро пеш аз ҳама ба таври воқеӣ (он чӣ дар забон ҳаст) баррасӣ намуда, қоидаҳоро ба меъёриву ғайримеъёрӣ ва ё пазируфтаниву

нопазируфтанӣ ҷудо намекунанд, яъне аз байни ин қоидаҳо ҳаққи интихоб карданро надоранд.

Дастури омӯзишӣ ё таълимӣ шакли дастуриест, ки барои омӯзиши забони модарӣ ба хотири афзоиши дониши забонии соҳибзабонон аз забони модарии худ ё аз худ кардани як забони хориҷӣ таҳия мегардад. Ин гуна дастурҳо метавонанд гуногунҳадаф буда, бахшҳои алоҳидаи дастури як забонро дарбар гирифта, ба таври давраӣ (синф ба синф, сол ба сол) таҳия шаванд. Онҳо ҳадаф ва мақсадҳои таълимӣ дошта, дар онҳо танҳо қоидаҳои меъёрии пазируфтании забон таълим дода мешаванд.

Аз таърихи дастурнависӣ маълум аст, ки нахустин кӯшиши таҳияи дастури забон дар Ҳинд (дастури Панинӣ, садаи панҷуми то мелод) сурат гирифтааст. Дар Аврупо юнониён дар асри сеи то мелод ба ин амал даст задаанд. Дар Арабистон дар асри VIII мелодӣ ба таҳияи дастури забони арабӣ даст заданд. Таълифи «Ал-китоб»-и Сибавайҳ ё Себӯя, ки эронитабор буд, сароғози дастурнависӣ ба забони арабӣ шуд, ки ин суннат то ба ҳол идома дорад.

Дар забоншиносии тоҷик ба таҳияи дастурҳо нисбатан дертар пардохтаанд. Яке аз сабабҳои камэътиборӣ ба таҳияи дастурномаҳоро пажӯҳишгарон дар он мебинанд, ки қоидаҳо ва меъёрҳои дастурии ҳар забон барои аҳли забон ё соҳибзабонон бештар тағйирнопазир буда, собит мемонанд. Бинобар ин соҳибзабонон эҳтиёҷе барои тахия ва тадвини қоидаҳои сарфу наҳви худ намедиданд.Вале замоне, ки як забон ба кишвару сарзаминҳои дигар интиқол меёфт ва дар ин минтақаҳо густариш меёфт, зарурати омӯхтани қоидахои дастурии ин забон барои касоне, ки аҳли ин забон набуданд, пайдо мегардид. Ин ҳолат ба вазъияти забони тоҷикӣ дар давраи оғозинӣ рушди он сидқ мекунад. Дар забони мо додани маълумот дар бораи хусусиятҳои сарфиву наҳвии забон аз овардани баъзе қоидаву меъёрҳои дастурӣ дар китобҳои ба фалсафаву арузу қофия ва фарҳангнигорӣ бахшидашуда оғоз гардид. Ҳарчанд мавзӯъҳои асосии ин гуна асарҳо масъалаҳои калому арӯз ва

тарзи навишт (иншо) буданд, вале дар лобалои онҳо бобҳо ё бахшҳои алоҳидае дар бораи сохтори забон, иштиқоқи вожаҳо, решашиносии онҳо, сабку услуби навишт дида мешуданд. Дар асарҳои Абуалӣ ибни Сино, Қайси Розӣ, Насируддин Тусӣ ва бисёре аз бузургони илму адаб дар давраи классикии рушди забони мо афкори забоншиносӣ дарҷ гардидааст, ки бархе аз онҳоро метавон ба бахши дастур ё қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ ихтисос дод.

Асарҳои «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ ва «Меъёр-ул-ашъор»-у «Асос-ул-иқтибос»-и Насираддини Тусӣ ва чанде аз осори бузургони илму адаби мо, ки оид ба хусусиятҳои дастурӣ маълумоти муфиде пешниҳод кардаанд, барои навиштани асарҳои алоҳидае оид ба сохтори забони тоҷикӣ маводи фаровоне додаанд. Як бахши дигар ва асосие, ки минбаъд ҳамчун асос барои дастурнависӣ хидмати босазое кардаанд, фарҳангҳои забони тоҷикӣ ба шакли классикии онҳо мебошанд. Дар пешгуфторҳои фарҳангҳои тафсирие чун «Муаййид-ул-фузало»-и Мавлоно Муҳаммад ибни Шайхи Лоди Деҳлавӣ, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҷамолиддин Ҳусайни Инҷӯи Шерозӣ, «Бурҳони Қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусейни Халафи Табрези оид ба дастури забон, сарф ва иштиқоқпазирии калимаҳо маълумоти фаровон оварда шудаанд. Дар ибтидо китобҳои дастурие барои забони тоҷикӣ ба забони арабӣ пайдо шуданд, ки намунаи ин гуна асарҳо «Ҳилятил инсон фи ҳулбатул-лисон»-и ибни Муҳанно (давраи муғулон) мебошад. «Чаҳор гулзор»-и Ҳоҷи Ҳасани Нисорӣ низ яке аз аввалин дастурҳои забони тоҷикист, ки барои мубтадиён иншо шудааст.

«Чаҳор гулзор» рисолаи хурди (дастхати он дар ҳаҷми 60 саҳифа аст) дастури таълимӣ буда, барои навомӯзон (ба таъбири муаллиф «мубтадиён») навишта шудааст. Аз нигоҳи корбасти қолабҳои наҳвӣ, ибораороию ҷумлабандиҳо намунаи гӯйиши Мовароуннаҳр аст.

Таълифи ин дастури таълимӣ тақрибан солҳои 1560-1565 сурат гирифтааст. «Чаҳор гулзор» тавре ки аз номи худи рисола маълум аст,

иборат аз чаҳор гулзор буда, ҳар гулзоре фарогири чанд гул мебошад. Масоили марбути дастури забони тоҷикӣ, асосан дар гулзори аввал овардап шудааст.

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ мувофиқи анъанаи забоншиносии Юнону Араб тамоми калимаҳоро ба се ҳисса: исму феълу ҳарф ҷудо карда, ҳар кадомеро таъриф дода, хусусиятҳои хоси онҳоро бо мисолҳо шарҳ медиҳад (3.315-319) .

Ин асари ҳаҷман хурд роҷеъ ба масоили савтиёти алифбои арабиасоси тоҷикӣ, ҳаводиси савтӣ, ҳуруфи хоси тоҷикӣ, замонҳои феъл, калимаҳои ёвар, вазифаҳо ва хелҳои пешоянду пайвандакҳо, санъатҳои маънавию лафзӣ, дар бораи хусусиятҳои назму наср, қисмҳои назм, арӯз, маънии каломи шеъру шоирӣ, навъҳои шеър, таркиби шеър, қофия ва дигарҳо маълумот медиҳад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки асар хусусияти илмиву таълимӣ дошта, ба услуби илмии таълифот мутааллиқ бошад ҳам, «…бо забони содаю фасеҳи форсӣ-тоҷикӣ навишта шудааст» ( 5.10).

Асари «Тоҷ-ул-руус ва ғуррат-ун-нуфус»-и Аҳмад ибни Ислоҳи Қайсарӣ аз Рум шояд яке аз нахустин дастурҳои забон бошад, ки ба забони тоҷикӣ дар соли 1568 мелодӣ таҳия шудаанд. Китобҳои дастурии «Минҳоҷ-ут-талаб»-и Муҳаммад ибни Ҳакими Зайнимӣ (дар соли 1599 мелодӣ) дар Чин ва «Усули форсӣ» аз Абдусамади Тоҳири Мултонӣ (1690) дар Ҳиндро низ метавон ном бурд, ки ҳар ду асар ба забони тоҷикӣ таҳия шудаанд.

Навиштани асарҳои дастурӣ дар Ҳинд аз ибтидои пайдо шудани зарурати таҳсил ва омӯзиши забони тоҷикӣ дар ин минтақа пайдо шуда, аз давраи Искандари Лӯдӣ(асри XIV), ки омӯзиши забони тоҷикиро барои ҳиндувон расмӣ кард, суръат гирифта, дар давраи Темуриён Ҳинд вусъати бештар ёфт. Искандари Лудӣ барои ҷалби ҳиндувон ба идораи давлатӣ аз онҳо талаб намуд, ки забони тоҷикӣ омӯзанд. Баъди ба забони давлатӣ эълон гардидани забони тоҷикӣ дар аҳди Акбар (1556-1606) ва ҳатмӣ гардидани донистани он ниёз ба омӯзиши он пайдо шуда, зимнан

эҳтиёҷ ба таълифи дастурҳо барои ин забон низ ба вуҷуд омад. Ин эҳтиёҷро нахустин бор фарҳангнигорон пай бурданд ва қоидаҳои дастури забони моро дар муқаддимаи фарҳангҳо зикр намуданд. Бори нахуст дар муқаддима ва охирсухани фарҳанги «Муаййид-ул-фузало» (1519) Мавлоно Муҳаммад ибни Шайх Лоди Деҳлавӣ доир ба қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ ба пайравӣ аз сарфу наҳви забони арабӣ маълумот додааст. Чунончи тартибро муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» (1608-1623) Ҷамолуддин Ҳусайн Инҷуи Шерозӣ дар дувоздаҳ ойин ва муаллифи «Бурҳони қотеъ» (1652) Муҳаммадҳусайн Халафи Табрезӣ ба матолибе дастурӣ дар муқаддима идома додаанд. Муаллифи «Фарҳанги Рашидӣ» (1654) Абдурашид ибни Абдулғафур Ҳусайн Мадании Таттавӣ дар суханрони асараш, пеш аз баҳси вожаҳо, фасле чанд дар баёни ҳуруфи муфрад, замир, пасвандҳо, пешвандҳо ва имола навиштааст. Дастурҳои нисбатан маъруф, ки дар сарзамини Ҳинд таълиф ва ба нашр расидаанд, аз «Мизони форсӣ ё баъзе қонуноти форсии Ҷамолиддин Ҳусайни Муштарӣ, «Маҷмаъ-ул-қавонин»-и Амир Асадуллоҳ «Ҷомеъ-ул-қавид»-и Муҳаммадқулихон, «Қоидаҳои форсӣ» машҳур ба «Ҳафт гул»-и Камита Прашид, «Кавиди форсӣ»-и Равшаналии Ансорӣ, «Ҷавоҳирот-ут-таркиб»-и Сиварам, Бадоеъ-ус-сарф»-и Ковус Хон, «Усули барҷастаи завобити форсӣ»-и Абдуллоҳи Деҳлавӣ, «Оғози форсӣ»-и Муҳаммади Абдулҳаким, «Дастури порсиомӯз»-и Убайдуллоҳ ибни Аҳмади Суҳравардӣ, «Дастури забони форсӣ»-и Ҷамолиддин Аҳмади Раисӣ, «Наҳҷ-ул-адаб»-и Наҷмуғании Ромчурӣ ва ғайра иборатанд (4.35-37) .

Дастурҳои забони тоҷикӣ дар нимҷазираи Ҳиндустон танҳо ба забони тоҷикӣ навишта нашудаанд. Дар ин кишвар дастурҳои забони тоҷикӣ ба забонҳои маъруфи маҳаллӣ чун ҳиндӣ, урду, пашту ва ҳатто англисӣ низ навишта шудаанд. Биноан баъзе дастурҳо бо шеваи дастурнигории муосир ва ба пайравӣ аз муҳаққиқони Ғарб нигошта шудаанд. Аз ин ҷост, ки дар баъзе аз ин китобҳои дастурӣ тақсимоти калимаҳо беш аз ҳадди маъмулии сетоии забони арабӣ буда, калимаҳои

забон ба панҷ ҳиссаи нутқ (исм, замир, сифат, феъл ва анвои феъл), шаш (исм, сифат, замир, масдар, феъл ва ҳарф), ҳафт (исм, сифат, замир, масдар, муштақ, феъл, анвои феъл), ҳашт (исм, сифат, замир, феъл, зарф, ҳарф, атф ва нидо) гурӯҳбандӣ шудаанд.

Ҳамин тариқ, дар ҷараёни омӯзиши забон ниёз ба нигориши дастури забон ба миён омад ва барои ғайритоҷикон қоидаҳои дастурии забон ба хотири омӯзиши осону саҳеҳ таҳия шуданд, ки дар шакли мухтасар дар китобҳои алоҳида бо номи «Омаднома»-ҳо ё «Омаданнома»-ҳо гирд омаданд. Сабаби чунин ном гирифтани ин дастурҳо дар он буд, ки дастурнависони ҳиндӣ барои осон омӯхтани сарфу феълҳои забон асарҳои худро аз омӯзиши феъл шурӯъ мекарданд ва нахустин феъл ҳам феълҳои «омадан» буд. Бинобар ин дастурҳои омӯзишии забони тоҷикӣ дар ин сарзамин «Омаднома» ном гирифтанд.

Қадимтарин дастури забон бо номи «Омаднома» ба қалами Беҷон Пури Лакҳнавӣ (1716 м.) таалуқ дорад. Аксарияти китобҳои дастурии забони тоҷикӣ дар Ҳинд ҷанбаи омӯзишиву таълимӣ дошта барои навомӯзон, донишомӯзон, дабиристонҳо ва донишкадаву донишгоҳҳо навишта шудаанд.

Яке аз марказҳои дигари таҳияи дастурҳои забони тоҷикӣ кишвари Туркия мебошад. Маъмулан дастурҳои забони тоҷикӣ-форсӣ дар ҳамаи кишварҳои ғайрифорсӣ аз рӯйи эҳтиёҷи аҳолии бумӣ ба забони тоҷикӣ нигошта мешуданд ва ҷолиб он аст, ки нахустин дастури забони тоҷикӣ-форсӣ низ бо номи «Дастури дабирӣ» аз ҷониби Муҳаммади Меҳанӣ дар кишварҳои Усмонӣ таълиф шудааст. Дар ин кишвар аз ибтидои давлати усмонӣ забони тоҷикӣ забони расмиву идорӣ буд, то баъдан забони туркӣ ҷойгузини он гардид. Дар ин кишвар бо тақлид ба дастурҳои забони арабӣ дар ибтидо ва баъдан бо тақлид ба дастурҳои аврупоӣ дастурҳои забони тоҷикӣ, ба монанди «Тоҷ-ул-руус ва ғуррат-ул нуфус» (муаллиф Аҳмад ибни Исҳоқи Қайсарӣ) ба вуҷуд омад. Инчунин «Рисолаи зиёия» аз Камол Пошозода (1519 м.) дар шарҳи гунаҳои ё-и

зоида аст, ки дар охири вожаҳо ва феъҳои тоҷикӣ меоянд. Муаллиф дар пажӯҳиши худ бист гунаи «ё-и зоида»-ро аз осори гуногун дарёфта таҳлил намуда ва аз осори пешин байтҳое овардааст. Ин асар бештар хусусияти наҳвӣ дошта, ба дастури забон комилан мутобиқат намекунад, яъне ҳадафи муаллиф навиштани дастур набуда, нишон додани хусусиятҳои наҳвии забон дар намунаи таҳлил «ё-и зоида» будааст. Асари дастури дигар «Ат-туҳфат-ул-ҳодия»-и Муҳаммад ибни Ҳоҷӣ Илёс (садаи даҳуми ҳиҷрӣ) мебошад, ки барои навомӯзон пешбинӣ шуда будааст.

Дар кишварҳои араб навиштани китоб дар бораи дастури забони форсӣ бештар пас аз ҷанги ҷаҳонии аввал оғоз гардид. Вале ба истиснои китоби «Ат-туҳфат-ул қудусия фи завобит-ул қавоиди форсия» таълифи Забидӣ (1724-1784), ки дар 1751 таълиф ёфтааст. Бештари ин китобҳо дар бораи қавоиди забони форсӣ дар Миср ба дасти устодони забони форсии донишгоҳҳои ин кишвар навишта шудааст.

Нахустин китоби форсии дастурӣ дар Эрон «Қавоиди сарф ва наҳви форсӣ» (Табрез 1841) таълифи Мулло Абдукарим ибни Абдулқосим Ийрвонӣ ва пас аз он «Сарф ва наҳви форсӣ» навиштаи Ҳоҷи Муҳаммад Каримхони Кирмонӣ (таълиф дар 1854) аст.

Усули китобҳои дастури, ки то пеш аз соли 1864, чи дар Эрон ва чи дар берун аз он навишта шуда, ҳама баргирифта ва тарҷумаҳо аз китобҳои сарф ва наҳви арабӣ буданд, ки дар онҳо калимаҳои тоҷикӣ монанди арабӣ ба се қисм, исм, феъл ва ҳарф тақсим мешуд. Нахустин касе, ки усул ва қоидаҳои ҷудо аз усули арабӣ барои забони форсӣ ихтиёр кард ва по аз доираи тарҷума ва тақлид берун ниҳод Мирзо Ҳабиби Исфаҳонӣ буд. Вай дар китоби худ «Дастури сухан» (Истамбул, 1868 ва талхиси он бо номи «Дабистони форсӣ» (Истамбул, 1885) барои нахустин бор пораҳо аз шеваҳои дастурнависии Аврупоро ворид кард ва вожаҳои форсиро ба даҳ гуна исм, сифат, замир, киноёт, феъл, фаръи феъл, ҳуруф, мутаалliқоти феъл (ба ҷои қайд), адоват ва асвот тақсим кард.

Вай ҳамчунин нахустин касе аст, ки вожаи «дастур»-ро барои китобҳои қоидаҳои дастурии забони форсӣ баргузид. Абдулазимхон Қарибӣ Гургонӣ 1966, кори Мирзо Ҳабибро бо навиштани се давраи дастури забони форсӣ, ки дар донишкадаҳо тадрис мешуд, идома дод. Вай вожаҳо ба гунаи исм, сифат, киноя, адад, феъл, қайд, ҳарфи изофа, ҳарфи рабт ва савт бахш кард. Пас аз он бояд аз дастури панҷ устод Баҳор, Фурӯзонфар ва дигарон ном бурд (Теҳрон, 1950), ки солҳо дар муассисаҳои таълимӣ тадрис мешуд. Сипас асари муҳим ва бунёдӣ дастури забони форсии Парвизи Нотили Хонларӣ аст, ки Хонларӣ дар навиштани он равиши наве баргузид. Вай хурдтарин воҳиди гуфторро ҷумла хонд ва асоси таҳқиқ қарор дод, сипас онро ба ду қисмат ниҳод ва гузора, ки ҳар як шомили ҷузъҳои кучактаре аст, тақсим кард ва пас аз он ба шинохти ҳар як аз ҷузъҳои ҳар қисмат пардохт. Ҳадафи ӯ аз ин шева тартиби илмӣ ва мантиқии нуқтаҳои дастурӣ буд.

Дар Тоҷикистон навиштани дастурҳои таълимӣ ҳанӯз аз ибтидои садаи бист бо таъсиси муассисаҳои таълимии сифатан нави даврони шуравӣ оғоз гардид. Ҳарчанд дар охири давраи ҳукмронии амирони Бухоро дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои ҷадид таҳия шуданд, ки хусусиятҳои хоси худро дошта, аз рӯйи барномаҳои муайяни таълимӣ тартиб дода мешуданд. Барномаи таълимие, ки бахши ибтидоии ин мактабҳоро фаро мегирифт, шомили чунин фанҳои таълимӣ буданд.

Дар шуъбаи аввал – алифбо, хониш, Ҳафтяк, хат ва имло, азёдкунӣ; дар шуъбаи дуюм – «Ҳафтяк», дарси хониш, асоси эътиқодоти мусулмонӣ, сухбат; дар шуъбаи сеюм – Каломи шариф, ақоиди Ислом, таърих, ҳисоб, хати имло, азёдкунӣ, суҳбат; дар шуъбаи чорум – Қуръон, таълими русумоти динӣ, таърихи Ислом, забони арабӣ, ҷуғрофиё, ҳисоб, иншо, азёдкунӣ ва суҳбат; дар шуъбаи панҷум – Қуръон, фиқҳ, русумоти динӣ, ҳисоб, ҷуғрофиё, мухтасари табиат, ҳадис суҳбат (6.).

Дар ҳамин давра бо сабки нав дастурҳои таълимии «Роҳбари халқ» (А. Мунзим), «Тартил-ул-Қуръон », «Таҳзиб-ус-сибиён» (С.Айнӣ) пайдо

шуданд, ки барои таълим дар мактабҳои усули нав пешбинӣ шуда буданд.

Баъд аз барқарор шудани Ҳукумати Шуравӣ дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистону Узбекистон нахуст аз ҳама дастурҳои таълимии забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таълимӣ пайдо шуданд, ки зарурати замони нав буд. Аз ҷумла, «Қоидаҳои забони тоҷикӣ (Сарф ва наҳв)»-и Абдурауфи Фитрати Бухороӣ (1930), Дастури сарфу наҳвии Саидризо Ализода, дастурҳои таълимии дигар, ки солҳои 1927-1939 ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони русӣ чоп шудаанд. Оҳиста-оҳиста бо сайъу кушиши пажӯҳишгарони забони тоҷикӣ Расторгуева В.С., Сухарева О.А., Соколова В.С., Л.Бузургзода, Ниёзмуҳаммедов Б. дар бахшҳои овошиносӣ ва сарф, наҳви забони тоҷикӣ пажӯҳишҳои илмии замонавӣ пайдо мешаванд. Ҳамин тариқ, пайдо шудани дастурҳои илмии забони тоҷикӣ дар солҳои 1941-1942 («Грамматикаи забони тоҷикӣ» муаллифон Л. Бузургзода ва Б. Ниёзмуҳаммадов, «Фонетикаи забони адабии тоҷик» Л. Бузургзода (1940), «Фонетика таджикского языка» муаллиф Соколова В.С. (1949) ва як силсила рисолаҳои дигар роҳро барои таҳияи дастури мукаммалтари илмии забони тоҷикӣ ҳамвор сохт.

Бояд гуфт, ки дар ибтидои солҳои 50-уми садаи гузашта бо аз чоп баромадани мақолаи устод С. Айнӣ «Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик» (1952) дар партави асари И.В. Сталин «Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ» (1951) ба ислоҳоту гузаронидани таҷрибаҳо дар дастурнависии забони тоҷикӣ хотима дода шуда таври устод Айнӣ менависад: «Ин кор дар амал грамматикаи сахтҷонро бо зӯрӣ (бо режими аракчеевӣ) кушта партофта, ба ҷои он грамматикаи аз ҷумлаи вайрони бегона гирифта шударо ба тарзи сунъӣ даровардан буд». (1, 70)

Устод Айнӣ барои исботи фикру ақидаи хеш аз ин асари И. В. Сталин чунин намуна меорад: «Аммо асосҳои сохти грамматикӣ дар муддати хеле дурудароз дар як ҳол боқӣ мемонанд, чунки онҳо чунон ки таърих нишон медиҳад, метавонанд, ки дар зарфи чандин давра бо

муваффақият хизмати ҷамъиятро ба ҷо оваранд». (1, 67) Дар ҷои дигар ба Шавкат Ниёзӣ муроҷиат намуда боз ҳам устувор мондани сохтори дастурии забонро таъкид менамояд: «Агар Шавкат Ниёзӣ асари доҳиёнаи рафиқ Сталин – «Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ»-ро пухта меомӯхт ва аз он ҷо, аз фонди асосии луғат ҳам дарозумртар будани грамматикаро ёд мегирифт, ба ин гуна хатоҳо намеафтод, балки забони халқи тоҷик ва адабиёти классикии тоҷикро тадқиқ карда, ҳазор сол боз тағйир наёфтани асосҳои грамматикии забони тоҷикро ба гуфтахои рафиқ Сталин мисол меовард…». (67-68) Ӯ дар бораи масъалаҳои забоншиносӣ ва махсусан имлои забони адабӣ чунин ибрози назар кардааст: «…гурӯҳи дигар забони адабии ҳазорсолаи тоҷикро бо ҳамаи меросҳои адабиаш тамоман инкор карда мехостанд дар асоси забони кӯчагӣ забони «нави адабӣ» созанд ва ба он «забони нав» грамматикаи аҷибу ғарибе ҳам тартиб диҳанд. Яке аз ин ҳуҷумҳои «чап» ки вайро режими аракчеевӣ номидан мумкин аст, дар соли 1937, 1938, 1939 ташкил ёфта буд. Лоиҳанависони ин ҳуҷум дар зери пардаи «забонро ба халқ наздик кардан» мехостанд, ки бо грамматикаи қисман нав як «забони нави адабӣ» созанд. (1, 69-70)

Ҳамин тариқ соли 1956 аввалин бор ҷилди якуми китоби дарсии забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо номи «Грамматикаи забони тоҷикӣ» аз чоп баромад. Ин асар аз бахшҳои овошиносиву сарфу наҳв иборат буда, дар он нахустин бор ба ҷои низоми ҳаштсадонокии забон низоми шашсадонокӣ ҷорӣ карда шуд. Аслан низоми ҳаштсадонокӣ низоми вазни шеъри тоҷикиро ба тартиб меовард ва он аз оғози ташаккули забони тоҷикӣ риоя мегардид. Соли 1973 китоби дарсии «Забони адабии тоҷик» чоп мегардад. Он соли 1982 бо таҳриру такмил дар ду ҷилд аз нав нашр шуд. Дар он бори аввал масъалаҳои овошиносӣ,вожагон, сарф ва наҳви забони тоҷикӣ дар як низоми муайяни илмиву методӣ баррасӣ карда шудааст.

Дастоварди асосии охири солҳои 80-уми садаи XX ба нашр расидани асари ҷамъбастии забоншиносони тоҷик Грамматикаи академӣ ё дурустараш «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (1985-1989) мебошад, ки аз ду ҷилд ва се китоб иборат буд.

Ин грамматика давраи рушди дастурнависии забони тоҷикиро дар замони шӯравӣ ҷамъбаст намуда, мувофиқ бо рӯҳияи замони шӯравӣ ва бо тақлид ба дастурнависии забони русӣ таҳия шудааст. Дар таҳияи он мураттибон заҳмати зиёде ба харҷ дода, натиҷаҳои илмии бунёдӣ ба даст овардаанд. Худи муаллифон оид ба истифода кардани таҷрибаи забоншиносии рус чунин менависанд: «Грамматикаи тасвирии нормативии забони русӣ соли 1952-1954 ва грамматикаи нави академии забони русӣ, ки сазовори мукофоти давлатии СССР гардид, соли 1982 чоп шуд. Муаллифон ва муҳаррирон бозёфтҳои илмии забоншиносони тоҷик таҷриба ва комёбиҳои илми забоншиносии советиро ба қадри имкон истифода карданд» (2, 3).

Аз таҳияи «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» қариб 35 мегузарад. Дар ин муддат забони тоҷикӣ ва сохтори дастурии он бо шарофати Истиқлол ба асли худ баргашт. Қоидаву меъёрҳои сунъии забон, ки мувофиқи талаботи замони шӯравӣ ба дастури забон ворид шуда буданд, аҳамияти худро гум карда моли таърих гардиданд. Аз тарафи дигар ин грамматика «Дар асоси материали фаровони забони адабии ҳозираи тоҷик таълиф ёфтааст» ва вазифаи «Грамматикаи академӣ» ҳаматарафа шарҳу эзоҳ додани ҳодисаҳои грамматикии забони адабии ҳозираи тоҷик мебошад.

Бинобар ин зарурати таҳияи дастури нави забони тоҷикӣ талаби замон аст. Он бояд на танҳо вазъи имрӯзаи дастури забонро тасвир кунад, балки вобаста ба талаботи замони Истиқлол қоидаҳо ва меъёрҳои дастуриро аз лиҳози таърихӣ бо нишон додани хусусиятҳои хоси онҳо аз давраи пайдоиш, такомул, ташаккул ва тағйироти шаклии онҳо то имрӯз инъикос намояд. Инчунин дар ин муддат дар таркиби истилоҳоти

забоншиносӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омада, ҷои истилоҳоти русиву байналмилалиро, ки ба таври фаровон ба тариқи ҳамгунсозӣ ба забони мо бор шуда буданд, истилоҳоти аслан тоҷикӣ гирифта истодааст. Танҳо, ба таври мисол истилоҳҳои фонетика – овошиносӣ, морфология – сарф, синтаксис – наҳв, суффикс – пасванд, префикс – пешванд, аффиксатсия – вандпазирӣ, грамматика – дастур, материал – мавод намунаи равшани ба таври бунёдӣ тағйир ёфтани истилоҳҳои забоншиносӣ мебошад.

Дастури забони тоҷикӣ танҳо фарогири қисмати суннатии дастур – сарфу наҳв намебошад. Он бояд бахшҳои вожагон, вожашиносӣ, ибораҳои рехтаи фразеологӣ, матншиносӣ ва шояд таърихи дастурнависиро фаро гирад. Яъне навиштани дастури ҷомеи забони тоҷикӣ дар назар дошта шавад, ки фарогири тамоми ҷанбаҳои дастурнависӣ бошад.

Хулоса, масъалаҳои баҳсталабу баҳсбарангез дар дастури забони адабӣ моро водор месозад, ки барои таҷдиди назар ба ин масъалаи бисёр муҳими забонишиносии тоҷик бикушем. Ин кор танҳо бо таҳияи дастур аз тарафи як - ё ду муҳаққиқ муайяну ҷамъбаст намешавад. Ҳадди ақал дар қаламрави забоншиносии тоҷик ин масъала пеш аз ҳама дар байни худи забоншиносон ҳамчун ихтисосмандони ин ришта баррасӣ шавад. Масъалаҳое, ки мавриди ғавру баррасӣ қарор мегиранд ба таври умумӣ ва пешакӣ чунинанд:

1. Ҳамгунсозии истилоҳоти забоншиносӣ. Ин масъала бо бархурди забоншиносии суннатӣ бо сохторгароӣ ва вуҷуд доштани истилоҳоти гуногун барои ифодаи як мафҳум ба як масъалаи бисёр муҳиму мубрам табдил ёфтааст. грамматика – дастур...

2. Масъалаи номгузорӣ ва ҷобаҷогузории ҳиссаҳои нутқ. Дар масъалаи номгузорӣ ба ақидаи мо дастурнависии тоҷик, ки таҳти таъсири забоншиносии рус ё сохторгароёнаи рус қарор доштанд, нисбатан мушаххастар рафтор кардаанд. Масалан, шумора – теъдод, зарф – қайд ва ғайра. Дар масъалаи ҷобаҷогузории ҳиссаҳои нутқ дар

забоншиносии суннатӣ 9 ҳиссаи нутқ (исм, сифат, замир, сифати нисбӣ, адад (шумора), феъл, қайд (зарф), пешояндҳо, нидо). Дар забоншиносии тоҷик аз даҳ ҳиссаи нутқ (исм, сифат, шумора, феъл, ҷонишин, зарф, сифати феълӣ, ҳиссачаҳо, пайвандакҳо, нидо) иборат аст, ки аз нобасомонӣ дар он хабар медиҳад.

3. Дар дохили худи сарфу наҳви суннатӣ ва сарфу наҳви имрӯзӣ аз ба кадом бахш дахл доштани баъзе категорияҳои дастурӣ то фарқ дар шумораи баъзеи онҳо тафовут дида мешавад. Ин тафовутро дар омӯхтани ибораҳо дар дохили сарф (бо исмҳо якҷоя омӯхтани ибораҳо) ва ба бахши наҳв дохил намудани онҳо дар дастури сохторгароӣ мушоҳида менамоем. (7, 35-40)

Ҳамин тариқ, бо сабабҳои гуногун байни мардуми тоҷикзабон (марзбандиҳои давлативу сиёсӣ, тағйири алифбо, гусастагӣ ва пайдо шудани ноошноӣ ба дастурҳои суннатӣ, пешравиву тақлид ба назарияҳои забоншиносии рус ва тақсимбандии дастур (овошиносӣ, маъношиносӣ, сарф, наҳв) дар асоси ин назарияҳо, таҳияи грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик дар асоси забони тоҷикии асри ХХ ва ғ.) дар дастурнависӣ (на танҳо) тафовуту фарқиятҳо пайдо шудааст. Бинобар ин зарурати таҳияи «Дастури забони тоҷикӣ» масъалаи мубрами илми забоншиносии тоҷик гардида, ки дар таҳияи он бояд аз осори фаровони давраи пешин имрӯз намунагирӣ шуда, табақабандии дастур дар асоси меъёрҳои илмии санҷидашуда сурат гирифта, таҷрибаи фаровони дастурнависии суннатӣ бо истифода аз таҷрибаҳои ҷаҳонии дастурнависӣ асоси фаъолияти илмӣ гардад.

**Адабиёт**

1. Айнӣ С. Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик//Мунтахаби асарҳои илмӣ. – Душанбе, Дониш, 2008. – С.70.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Муҳаррирони масъул: Ш.Рустамов, Р. Ғафоров. (иборат аз 3 ҷилд). Душанбе, 1982-86.

3. Давлатбек Хоҷаев, Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI. - Душанбе, 2013.
4. Мирзо Ҳасани Султон. Куҳантарин дастури забони форсии тоҷикӣ дар сарзамини Чин. – Душанбе, 2018. – С. 35-37.
5. Нисорӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе, 1998. – С.10
6. Раҷабов З. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик. – Сталинобод, 1959.
7. Шарифова Ф. Ҳамгунсозии дастур ва истилоҳоти забоншиносӣ.// Масъалаҳои вожагузинӣ ва истилоҳоти забони тоҷикӣ-форсӣ(маводи конференсияи байналмилалӣ).-Душанбе, 20015.-С 88-103.